# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ Эмомов Исматулло Боронович ба диссертатсия ва автореферати Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир – роҳу воситаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бахшида шудааст.

Тағйироти куллие, ки дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рух медиҳанд, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ масъалаи омодагардонии кадрҳоеро гузошт, ки дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбиро фаро гирифта, барои худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилият доранд.

Тавре ки унвонҷӯ иброз медорад, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси маърифатнок ҳамзамон бо забони тоҷикӣ боз забони русӣ - забони муоширати байналмилалӣ, инчунин забонҳои аврупоӣ (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ) ва осиёӣ (арабӣ, ҷопонӣ, чинӣ, куриёӣ)-ро медонад. Дар қатори забони модарӣ донистани дигар забонҳо имконият медиҳад, ки натанҳо бо фарҳанги халқҳои гуногун ошноӣ пайдо гардад, балки ҳамчунин зебоӣ ва хусусияти фарҳанги худ идрок карда шавад.

Дар методикаи муосири ватанӣ ва хориҷӣ айни замон тавзеҳ ва тафсири мухталифи мафҳуми «салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» вуҷуд

дорад. Салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун қобилияти муқоисасозии умумиятҳои забонӣ-фарҳангии мавриди омӯзиши пайваста, эзоҳдиҳии тафовутҳои байнифарҳангӣ ва мувофиқан амал намудан дар ҳолатҳои халалдор шудани ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ фаҳмида мешавад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо бахшида ба пажуҳиши ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ то ҳол таҳқиқоти бунёдӣ дар мундариҷа ва таркиби падидаи иҷтимоию фарҳангии мавриди таҳқиқ амиқан нокифоя омӯхта шудаанд. Ҳамаи ин мубрам будани коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникиро тасдиқ менамояд.

**Мақсади таҳқиқот** аз коркарди назариявӣ ва санҷиши озмоишии модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълимӣ забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои техникӣ иборат аст.

**Объекти таҳқиқотро** раванди инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии таъминкунандаи таълими тамоюли касбии забони хориҷӣ ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқот** раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ мебошад.

**Навоварии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат мебошад:

1. Бори нахуст дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ омӯхта шуд.

2. Қавоиди консептуалии равияи ба шахсият нигаронидашудаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрзабонии муассисаи таҳсилоти олии техникӣ коркард карда шуданд.

3. Проблемаи омодагардонии мутахассисони ояндаи муассисаи таҳсилоти олии техникӣ барои ҳамкорӣ дар заминаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ коркард карда шуд.

4. Моҳият ва сохтори салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён зимни таълими муошират ғайрзабонӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуд, қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

5. Заминаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои бисёрзабонии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ муайян карда шуданд.

6. Модели ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими муошират ғайрзабонӣ коркард карда шуд.

7. Низоми санҷиши ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии мутахассиси ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, ки меъёрҳои фарҳангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-арзишӣ, инчунин нишондодҳои аз рӯйи ҳар меъёр мураттабшударо фаро мегирад, пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсия.**

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки маводу натиҷаҳои ба дастоварда метавонанд ҳамчун сарчашмаи асосӣ ба сифати таъминоти методӣ барои инкишофи салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои техникӣ дар таълими забони англисӣ корбаст гарданд. Истифодаи натиҷаҳои рисолаи таҳқиқотӣ зимни гузарондани курсҳо оид ба баландбардории тахассуси омӯзгорони забони англисӣ дар донишгоҳҳои техникӣ мавриди мусоидат қарор гирифта метавонад.

Тавсияҳои методӣ оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои техникӣ аз забони англисӣ ва маводҳои ташхисӣ метавонад барои ошкор намудани мушкилоти касбии омӯзгорон дар таҳияи китобҳои дарсӣ барои донишгоҳҳои техникӣ, дастурҳои методӣ ва коркарди барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастовардаро** таъмин мекунанд: истифодаи бунёди методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва мақсадҳои таҳқиқот созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ ва техникӣ; таҷрибаи шахсии амалии касбии фаъолияти омӯзгории муаллифи диссертатсия.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Тибқи ҳадафу вазифаҳои диссертатсия мантиқан он аз муқаддима, ду боби асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шудааст, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён шудаанд, асосу заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқот пешкаш гаштааст, заминаи корҳои таҷрибавӣ-экспериментали нишон дода шудааст, навгониҳои таҳқиқот кушода дода шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор зикр гаштааст, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта ба расмият даровarда шудаанд.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» муносибатҳои асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои

педагогии ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар чараёни омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои техникӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисониояндаи техникӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

Таҳқиқоти олимон дар соҳаи дидактика ва коммуникатсияи байнифарҳангӣ нишон доданд, ки миёни қисматҳои сегона: забон, фарҳанг, коммуникатсия пайванди ногусастанӣ вуҷуд дорад. Забон ва фарҳанг ба таври ҷудонашаванда бо ҳам вобастаанд, бидуни донистани забон ва фарҳанг коммуникатсияи байнифарҳангӣ имконпазир нест.

Ба андешаи муаллифи рисола, таҳти мафҳуми салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ маҷмӯи донишҳои муайян оид ба фарҳанги кишвари забони мавриди омӯзиш, инчунин маҳоратҳо, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсият фаҳмида мешавад, ки барои рафтори нутқии худро вобаста аз соҳа ва ҳолати муошират тағйир додани таълимгиранда имкон фароҳам меоварад.

Диссертант дар асоси муносибатҳои коммуникативӣ, интегративӣ, когнитивӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тамоюли шахсиятӣ модели раванди ташаккулдиҳии салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникиро зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард намудааст, ки ҳама қисматҳои он ба ҳам вобаста ва тобеанд ва ин яклухтии онро тасдиқ мекунад. Асоси моделро мақсади такомулдиҳии раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ зимни таълими муошират бо забони ғайр ташкил медиҳад.

**Дар боби дуюм** «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими тамоюли шахсиятии забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ» масъалаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ,

технологияҳои компютерӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ ва санҷиши технологияҳои педагогие, ки рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро дар таълими таҷрибавӣ таъмин мекунанд, пешниҳод карда мешавад.

Унвонҷу иброз менамояд, ки дар айни замон як қатор технологияҳои инноватсонии педагогиро ояндадор ҳисобидан мумкин аст: алгоритмӣ, проблемавӣ, моделӣ, амсилавӣ, «тандем-метод», «ҷузвдони забонӣ», технологияҳои компютерӣ ва ғайра. Яке аз технологияҳои инноватсионӣ технологияи интерактивӣ аст. Интерактивият ҳамкории дар таъмини барномавӣ бунёднихода мебошад, ки ба пешниҳоди иттилоот, навигатсия оид ба мундариҷа ва ҷойгиркунии ягон маълумот, бо фарогирии истифодаи гиперикдтибосҳо, пуркунии шаклҳо, ҷустуҷӯи маълумотҳо аз рӯйи вожаҳои калидӣ ва дигар шаклҳои гуфтугӯ бо истифодабаранда нигаронида шудааст. Технологияҳои интерактивӣ кори муаллимонро эҷодӣ ва шавқовар мекунанд, самарабахшии таълими донишҷӯёнро меафзоянд ва маҳсулнокии меҳнатро баланд мебардоранд.

Натиҷаҳои бадастовардашудаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба диссертант барои тасдиқ асос медиҳанд, ки дараҷаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён аз рӯи ҳама нишондодҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба гурӯҳҳои санҷишӣ баланд аст, ки ин аз самарабахшии кори сомондодаи унвонҷӯ дар давраи ташаккулдиҳандаи озмоиш гувоҳӣ медиҳад. Натиҷаҳои бадастовардашуда ба туфайли татбиқгардонии модели коркардшудаи раванди ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳамчунин татбиқгардонии шароитҳои педагогӣ имконпазир шудаанд.

Натиҷа ва хулосаҳои ба даст овардашударо метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои техникӣ зимни омӯзиши забони англисӣ истифода бурд. Дар асоси нуқоти назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар

диссертатсия пешниҳод карда шудааст, оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ тавсияҳои методӣ таҳия ва коркард шудааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

1. Дар қисми назариявии таҳқиқот диссертант возеҳ ифода накардааст, ки дар таҳияи рисола оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён ба асарҳои кадом олимони тоҷик такя намудааст.
2. Диссертант дар рисолаи хеш мебоист бештар равшанӣ меандохт, ки кадом омилҳо метавонанд ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёни гурӯҳҳои бисёрэтникиро тақвият бахшанд.
3. Матни русии автореферат низ таҳрирталаб аст.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе галатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ҳеҷ гоҳ қимати илмии кори дисссертатсиониро паст намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба тариқи васеъ истифода мебарад. Муаллифи рисола оид ба адабиёти илмии зарурӣ барои тадқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

Диссертатсияи Султонова Сурайё Абдурашидовна дар мавзӯи "Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти пурра ва комилан анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи муайяни илми муосир мебошад.

Чунин мешуморем, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқи масъалаи мубраму душвор, махсусан ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯёнро дар омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ мувафаққона ва дар ҳаҷми

кофӣ анҷом додааст.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммали таълифоти муаллиф дар 13 мақолаи илмӣ инъикос ёфта, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, тренингҳо васеъ баррасӣ гардидаанд. Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи рисоларо пурра дар бар мегиранд. Автореферат мазмун ва муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Султонова Сурайё Абдурашидовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва
хизмати Тоҷикистон Эмомов И.Б.

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Телефон: (+992) 918 68 08 21.
E-mail: iemomov@mail.ru

Имзои дотсент И.Б. Эмомовро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДССХ Ҷураев Ш.Н.